**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ:** 343+327
**ТКБ:** 67.99(2)93+66.4
**Д** – 14

**ДАВЛАТЗОДА ДИЛШОД МАҲМАДЗАРИФ**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**Душанбе – 2025**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Абдухамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Сафарзода Ҳаёт Саидамир –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи «05» июли соли 2025, соати $10^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 1, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушду пешрафти илмию техникӣ сабаби босуръат паҳн гардидани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо назардошти ин раванд, талаб менамояд, ки соҳаҳои алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳарчи бештар бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ фаро гирифта шаванд. Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисодирақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд ва «бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад: такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ; рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ; андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот» [6].

Аммо татбиқи густурдаи технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳо мушкилоти зиёдеро барои ҷомеа ба миён меорад, ки дар байни онҳо, махсусан, амалҳое фарқ мекунанд, ки бо истифода аз ин гуна технологияҳо ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони алоҳида зарар мерасонанд.

Ташаккули муносибатҳои нави марбут ба таъмин намудани иттилоот ба пайдоиши навъҳои нави ҷиноятҳо мусоидат намуд. Таҷовузҳои зикргардида дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) дар боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» номгузорӣ шудаанд. Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабари соли 2022, №71 чунин

мақсадҳои асосии ҳифзи иттилоотро муқаррар намудааст: «пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумшавӣ, ғалат маънидодкунӣ, нусхабардорӣ ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот; пешгирӣ намудани амалиётҳои беиҷозат оиди нобудсозӣ, тағйирдиҳи, ғалат маънидодкунӣ, нусхабардорӣ ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот; пешгирӣ намудани амалиётхои боиҷозат ва беиҷозат, ки боиси қасдан ё бидуни қасд нобудсозӣ, бастани роҳи пахншавӣ, ғалат маънидодкунӣ (сохтакорӣ), дуздӣ, нусхабардорӣ, ихроҷӣ, дигаргунишавӣ ва тағйиребии иттилоот гардиданаш мумкин аст» (м. 1) [3].

Сарфи назар аз қабули санадҳои зиёди меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, густариши доираи муносибатҳо дар ин самт, баланд гардидани сатҳи донишу малакаи истифодаи воситаҳои техникӣ ва истифодаи ғайриқонунии онҳо боиси афзоиши шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда вобаста ба истифодаи чунин технологияҳо мегардад.

Дар Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон» аз 5 ноябри соли 2003, №1174 зарурати такмили заминаҳои ҳуқуқӣ, ки барои истифодаи васеи ТИК «дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодиёт, муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти давлатӣ, байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо, фароҳам овардани шароит барои таъмини ягонагии фазои иттилоотӣ дар қаламрави ҶТ, бартараф намудани нобаробарии рақамӣ ва рафъи монеаҳои идоравӣ дар паҳнкунии иттилоотӣ, зарурати коркарди низоми чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ оид ба паст намудани сатҳи маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот бо нигоҳ доштани сатҳи зарурии эътимоднокии фаъолият дар ин соҳа ва самаранокии фаъолияти воситаҳои ҳифзи иттилоот қайд мегардад» [7].

Истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ, компютерӣ, телекоммуникатсионӣ ва дигар технологияҳо аз ҷониби қисми зиёди аҳолӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҷомеаи муосирро

ҳамчун ҷомеаи иттилоотӣ тавсиф кунем, ки дар он равандҳои иҷтимоӣ бо дастовардҳои илм, техника ва технология алоқаманданд.

Бо рушди технологияҳои рақамӣ зарурати тақвияти механизмҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқии амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла, танзими ҳуқуқии ҷиноятии он, бештар мегардад. Ҷиҳати посух ба ин таҳдидҳо, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал меъёрҳое пешбинӣ гардиданд, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои вобаста ба истифодаи технологияҳои компютерӣ муайян мекунанд.

Аммо таҷрибаи татбиқи ин меъёрҳо баъзе камбудиҳоро ошкор менамояд: муқарраротҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ тамоми паҳлуҳои таҳдидҳои муосири кибериро фаро намегиранд, ки ин метавонад барои ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагон мушкилиҳо эҷод кунад. Илова бар ин, бо сабаби нисбатан нав будани танзими ҳуқуқӣ дар самти таъқиби ҷиноятии ҷиноятҳои киберӣ, дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мушкилиҳо дар муайян намудани таркиби ҷиноят, фарқ кардани он аз дигар намудҳои қонуншиканиҳо, инчунин, дуруст муайян намудани бандубасти кирдорҳо ба вуҷуд меоянд.

Баррасии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки дар солҳои охир сатҳи ҷиноятҳои киберӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Аз ҷумла, тибқи маълумоти омори расмӣ, вобаста ба м.м. 298 – 304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: соли 2019 – 38, соли 2021 – 23, соли 2022 – 25, соли 2023 – 12 ва соли 2024 – 33 ҳолати содир шудани чунин ҷиноятҳо ба қайд гирифта шудааст. Ин нишондиҳандаҳо хусусияти ноустувор, вале ҳамоно мубрам будани таҳдидҳо ба амнияти иттилоотиро инъикос мекунанд.

Барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ зарур аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ минбаъд такмил дода шавад. Ин раванд дақиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, бартараф кардани

камбудиҳо, инчунин, таҳияи дастурҳои методӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар бар мегирад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки механизмҳои самараноктари ҳифзи фазои рақамӣ таъсис ёфта, хавфу таҳдидҳои эҳтимолӣ дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити технологӣ ба ҳадди ақал расонида шаванд.

Дар солҳои охир қонунгузории миллӣ дар самти танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои вобаста ба иттилооти компютерӣ ба таври назаррас пеш рафтааст. Бо вуҷуди ин, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳанӯз ҳам масъалаҳое боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии муфассалро тақозо мекунанд. Аз ҷумла, яке аз масъалаҳои муҳим муайян кардани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чунин ҷиноятҳо, хусусиятҳои объективӣ ва субъективии онҳо, инчунин, камбудиҳои эҳтимолии ҳуқуқие мебошанд, ки ба ҷараёни криминализатсия ва декриминализатсияи ин кирдорҳо таъсир мерасонанд.

Имрӯз зарурати ҷиддӣ ба такмили истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар санадҳои меъёрӣ истифода мешаванд, ба миён омадааст, зеро набудани истилоҳоти ягона ва муқарраршуда татбиқи амалии қонунгузориро мушкил мегардонад. Илова бар ин, норасоии таҳқиқоти бунёдӣ дар ин соҳа ва набудани тавсияҳои равшан оид ба истифодаи меъёрҳои таъмини амнияти иттилоотӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мушкилоти муайянеро эҷод менамояд.

Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти муқовимат бо ҷиноятҳои компютерӣ аҳаммияти махсус дорад. Бисёр кишварҳои хориҷӣ аллакай механизмҳои самараноки мубориза бо ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳоро таҳия намудаанд, ки таҷрибаи онҳо метавонад асосе барои такмили қонунгузории миллӣ гардад. Бо вуҷуди ин, то ҳол таҳлили муфассали равишҳое, ки метавонанд ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд, анҷом дода нашудааст.

Ниҳоят, масъалаи зарурати ҷорӣ намудани меъёрҳои нави қонунгузории ҷиноятӣ ё, баръакс, хориҷ кардани муқаррарotҳои кӯҳнашудае, ки ба воқеияти рақамии имрӯза мутобиқ нестанд, ҳанӯз кушода боқӣ мемонад. Бидуни таҳқиқоти ҳамаҷониба ҷавоб додан ба ин савол, ки оё ҳамаи таркибҳои ҷиноятии мавҷуда дар ин соҳа аз нуқтаи назари хавфи ҷамъиятӣ ва мақсаднокии таъини ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок мебошанд ё не, ғайриимкон аст.

Ҳамин тавр, зарурати омӯзиши амиқи илмии масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ аз арзёбии ҳамаҷонибаи кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок, ки метавонанд муносибатҳоро дар ин соҳа вайрон созанд, бармеояд. Ин зарурати такмили КҶ ҶТ-ро бо назардошти тағйирёбии моделҳои киберҷиноятқорӣ ва таҳкими механизмҳои миллии ҳифзи фазои рақамӣ асоснок менамояд.

Инчунин, дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ миқдори зиёди мушкилоте мавҷуданд, ки бо ҳуқуқвайронкуниҳои таҳлилшаванда алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тавр, аҳаммияти омӯзиши ин мавзуъ ба зарурати баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас вобаста ба ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии самараноки ин гуна ҷиноятҳо вобастагӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Оид ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ як зумра олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода (У.А. Азизов) [12], Ҷ.З. Маҷидзода [11] ва дигарон таълифоти худро ба нашр расонидаанд.

Дар ин миён таҳқиқоти доктории К.Д. Давлатзодаро [21] бояд қайд намуд, ки бевосита ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо бахшида шудааст.

Масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои мавриди баррасӣ, намудҳои алоҳидаи онҳо ва ҷанбаҳои криминологии онҳо дар рисолаҳои номзадии олимони хориҷӣ, аз қабили Р.М. Айсанов [13; 14], И.Р. Бегишев [15], С.Ю. Битко [17], С.Д. Бражник [16], В.В. Воробев [18], М.С. Гаджиев [19], Р.Р. Гайфутдинов [20], М.Ю. Дворетский [9; 22], К.Н. Евдокимов [23], М.А. Ефремова [10; 24], У.В. Зинина [25], М.А. Зубова [26] ва дигарон [28; 29; 30; 33; 34; 35; 36] таҳқиқ шудаанд.

Муаллифони мазкур барои ошкор намудани масъалаҳо оид ба омилҳои инкишофи ҷиноятҳои компютерӣ, муайян намудани хусусияти аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноятҳои компютерӣ, пешгирии ҷиноятҳои компютерӣ, бандубасти ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ заминаҳои дахлдори назариявиро фароҳам овардаанд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки то ҳол таҳқиқотҳои комплексӣ, ки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноятҳо ва рушди меъёрҳои қонуни ҷиноятиро дар ин самт баррасӣ намоянд, мавҷуд нест. Рисолаҳои алоҳидаи дифоъшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба ҷанбаҳои сиёсии таъмини амнияти иттилоотӣ бахшида шудаанд [27; 31; 32].

Бинобар ин, паҳлуҳои зиёди масъалаи мазкур ниёз ба таҳқиқоти нав дошта, зарурати таҳқиқоти комплексиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мафҳумҳои дар боби 28 КҶ ҶТ истифодагардида; оид ба ҷой ва таркиби ҷиноятҳои баррасишаванда дар низоми умумии ҷиноятҳо дар соҳаи амниятии иттилоотӣ; вобаста ба аломатҳои объективӣ ва субъективиии таркибҳои ҷиноятҳои баррасишаванда андешаҳои ягона ҷой надорад.

Дар асоси гуфтаҳои зикршуда таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими қонунгузории ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таркиби алоҳидаи ин ҷиноятҳо, коркарди тавсияҳои илман

асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9 «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд [5].

Ҳамчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи барномаи дурнамои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016-2020)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – аз таҳлили хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, муайян кардани хусусиятҳо ва асоснокии қонунгузории ҷиноятӣ дар қисмати сохтани таркиби ҷиноятҳо дар ин соҳа ва, дар ин замина, пешниҳоди роҳҳои такмил додани меъёрҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ барои ҳифзи иттилоот аз кирдорҳои ғайриқонунӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар робита бо мақсади гузошташуда доираи муайяни вазифаҳо муқаррар гардидаанд, ки ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти мазкур иҷрои чунин вазифаҳо масъалагузорӣ карда шудаанд:

– таҳлили мафҳум ва аломатҳои муҳимми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ;;

– таснифоти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ;

– таҳлили объект ва хусусияти предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти итилоотӣ;

– таҳлили аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти итилоотӣ;

– таҳлили аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти итилоотӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** омӯзиши меъёрҳое ташкил медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ (м. 298-304 КҶ ҶТ), аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноятҳо, қоидаҳои асосии бандубасти ин ҷиноятҳо, инчунин, такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва аломатҳои таркиби ин ҷиноятҳо диққати ҷиддӣ дода шуда, танзими ҳуқуқи ҷиноятии он аз замони истиқлолидавлатӣ то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2012-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд. Зимни таҳияи диссертатсия муаллиф ба асарҳои олимони ватанӣ У.А. Азиззода, К.Д. Давлатзода, А.Х.

Ибодов, Н.А. Қудратов, П.А. Махмадов, Ҷ.З. Маҷидзода, К.И. Сафиев, Т.Ш. Шарипов ва хориҷӣ Р.М. Айсанов, И.Р. Бегишев, С.Ю. Битко, С.Д. Бражник, В.В. Воробев, М.С. Гаджиев, Р.Р. Гайфутдинов, М.Ю. Дворетский, К.Н. Евдокимов, М.А. Ефремова, У.В. Зинина, М.А. Зубова ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро усули диалектикии умумиилмӣ ташкил медиҳад, ки бо методҳои хусусии илмӣ, аз ҷумла, методҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ, мантиқи шаклӣ, муқоисавӣ ва оморӣ пурра карда мешавад.

Истифодаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки таҳаввули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ таҳлил шуда, қонуниятҳои ташаккул ва рушди он муайян карда шаванд. Усули таҳлили низомнокӣ шароити баррасии ҳамаҷонибаи меъёрҳоеро, ки ин соҳаро танзим менамоянд, ҳамчун низоми санадҳои ҳуқуқии бо ҳам алоқаманди дорои мақсад, истилоҳот ва мантиқи дохилии ягона фароҳам овард.

Усули мантиқӣ-расмӣ барои таҳлили муфассали меъёрҳои ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ, сохтор, муҳтаво ва робитаи онҳо истифода гардид. Усули муқоисавӣ ҳангоми омӯзиши хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ истифода шуд, ки дар натиҷа имкони муайян намудани фарқиятҳои асосӣ ва самтҳои эҳтимолии такмили қонунгузории миллӣ фароҳам оварда шуд.

Усули оморӣ ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти эмпирикӣ, аз ҷумла, иттилооти вобаста ба парвандаҳои ҷиноятиро дар бар гирифт, ки ин имкон дод тамоюлҳои тағйирёбии сатҳи ҷиноятқорӣ дар соҳаи иттилооти компютерӣ муайян карда шаванд.

Илова бар ин, дар доираи тадқиқот корҳои монографӣ, мақолаҳои илмӣ, таҳлилҳо ва тавсияҳои методие, ки ба

масъалаҳои мавриди назар бахшида шудаанд, омӯхта шуданд, ки дар натиҷа таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуъ таъмин гардид.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Заминаи эмпирикии диссертатсия ба омори ҷиноятии ВКД ҶТ амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2015-2021, омӯзиши маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, инчунин, парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, асос ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки он аввалин кори илмӣ буда, бевосита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои содиршаванда дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои таркиби чунин ҳуқуқвайронкуниҳо бо дарназардошти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ ва хусусиятҳои муқаррароти ҳуқуқии чунин кирдорҳо дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст, ки бо назардошти ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи хориҷӣ барои такмил ва танзими чунин кирдорҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ин ҷиҳат низ аҳамияти илмӣ ва асолати тадқиқотро муайян мекунад.

Дар диссертатсия вобаста ба мавзуи баррасишаванда масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд:

– дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ мафҳумҳои асосии дар боби 28 КҶ ҶТ истифода гардида, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, мафҳумҳои нави ин истилоҳот таълиф гардидаанд;

– таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ ва дигар кишварҳои хориҷӣ;

– дар сатҳи диссертатсионӣ исбот карда мешавад, ки такмили м.м. 298-304 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад мебошад;

– дар хусуси муайян намудани объекти бевосита, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии моддаҳои баррасишаванда, пешниҳодҳо кор карда карда шудаанд, ки мумкин аст барои ғанӣ гардонидани донишҳои ҳуқуқӣ дар ин

самт, дарки моҳияти хавфнокии иҷтимоии ин ҷиноятҳо, фарқ намудани онҳо аз дигар таркибҳои ҷиноятҳои монанд хизмат намуда барои ҳал намудани бандубасти дурусти ин гуруҳи кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок кумак намоянд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин нуқтаҳо ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, хусусияти қасдона ва ғайриқонунӣ доранд. Онҳо дар шакли дастрасии беиҷозат ба системаҳои рақамӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ зоҳир мегарданд, ки метавонанд боиси халалдор шудани кори муътадили онҳо шаванд. Чунин кирдорҳо механизмҳои муқарраршудаи ҳифзи иттилоотро заиф намуда, барои ҳифз, дастрасӣ ва махфияти маълумот хатар эҷод мекунанд.

2. Таҳлили қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ба хулосае меорад, ки ҳимояи амнияти иттилоотӣ дар тамоми қонунҳои ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ пешбинӣ гардидааст, зеро қонунҳои ҷиноятии ин давлатҳо дар асоси Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ таҳия шудаанд ва аксарияти таркибҳои ҷиноятӣ қариб бетағйир ба қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ ворид гардидаанд. Аммо қонунгузории баъзе кишварҳои ИДМ дорои таркибҳои ҷиноятие мебошанд, ки барои Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хос нестанд. Аз ин рӯй, ворид намудани чунин таркибҳои ҷиноятӣ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад дониста мешавад.

3. Истифодаи истилоҳи «киберҷиноятҳо» нисбат ба ҷиноятҳое, ки дар боби 28 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, асоснок ҳисобида намешавад, зеро ин истилоҳ бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар сарчашмаҳои илмӣ истифода гардида, кирдорҳоеро ифода мекунад, ки дар интернет ё бо истифода аз шабакаҳои

телекоммуникатсионӣ содир мешаванд. Яъне истилоҳи «киберҷиноятҳо» доираи нисбатан васеътари кирдорҳоеро дар бар мегирад, ки бо истифода аз технологияҳои компютерӣ анҷом дода мешаванд.

4. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо таъмини ҳифзи иттилооти дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо алоқаманданд, бояд ҳамчун объекти бевоситаи ҷиноятҳо зидди амнияти иттилоотӣ баррасӣ карда шаванд. Дар баробари ин, хавфи чунин ҷиноятҳо танҳо бо зарар расонидан ба муносибатҳои ҷамъиятии зикршуда маҳдуд намегардад; дар доираи таркибҳои алоҳидаи чунин ҷиноятҳо объектҳои иловагӣ метавонанд саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин, дигар арзишҳои таҳти ҳимояи қонун қароргирифта бошанд.

5. Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ вобаста ба таркиби ҷинояти мушаххас ба сифати предмети он метавонанд ҳам ҷузъҳои моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ баромад кунанд. Ба чунин ҷузъҳо намудҳои гуногуни иттилооти компютерӣ, барномаҳои зараровар, вирусҳои компютерӣ, маълумотҳои рақамӣ ва дигар унсурҳои ба инҳо монанд дохил мешаванд.

6. Бо назардошти таҳлили диспозитсияи моддаи 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърифи зерини дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот пешниҳод мегардад – таҳти дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ бояд ҳама гуна воридшавии беиҷозат ба захираҳои иттилоотии дар компютер нигоҳ дошташуда, новобаста аз намуди интиқолдиҳанда, фаҳмида шавад.. Ғайриқонунӣ будани чунин дастрасӣ метавонад ҳам дар вайрон кардани меъёрҳои мушаххаси қонунгузорӣ ва ҳам дар мавҷуд набудани иҷозати соҳиби иттилоот ифода ёбад.

7. Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо тартиби умумӣ барои таркибҳои асосии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ аз синни 14-солагӣ асоснок ҳисобида намешавад. Бо вуҷуди ин, бо назардошти таҷрибаи баъзе давлатҳои хориҷӣ, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои

компютерӣ аз синни 14 ё 15-солагӣ пешбинӣ намудаанд, имкон дорад, бо дарназардошти оқибатҳои ҷиноят ҷавобгарӣ барои таркибҳои вазнинтари чунин ҷиноятҳо аз 14-солагӣ муқаррар карда шавад.

Илова бар ин, оқибатҳои ҷиноятҳои мазкур метавонанд ба расонидани зарари вазнин ба ҷабрдидагон (қ. 2 м. 298, м. 273, қ. 3 м. 301, м. 304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ё ба робитаи онҳо бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият (дуздӣ, қасдан несту нобуд кардани молу мулк ва ғайра) алоқаманд бошанд, ки барои чунин ҷиноятҳо мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 14-солагӣ пешбинӣ шудааст.

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд:**

Таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки вобаста ба ҷиноятҳои мавриди баррасӣ як қатор масъалаҳои баҳсталаб мавҷуданд. Барои бартараф кардани онҳо аз ҷониби муаллиф чунин тавсияҳои амалӣ пешниҳод мегарданд:

1. Номгузории Фасли XII ва боби 28-и КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» тағйир дода шуда, он ба таври зерин таҳрир карда шавад «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ компютерӣ», зеро мазмуни мафҳуми амнияти иттилоотӣ аз доираи таркибҳои ҷинояти дар боби 28-и КҶ ҶТ пешбинигардида васеъ мебошад.

2. Ба м. 298 КҶ ҶТ ҷиҳати дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дуруст бандубаст намудани моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ илова намудани мафҳуми иттилооти компютерӣ дар таҳрири зерин асоснок мегардад: «ин ҳама гуна маълумоте мебошад, ки дар шакли рақамӣ ё дигар шаклҳои электронӣ пешниҳод шуда, барои нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ё истифодаи автоматикӣ бо истифода аз системаҳои ҳисоббарор, воситаҳои барномасозӣ ва технологияҳои шабакавӣ пешбинӣ шудааст».

3. Дар қ. 1 м. 300 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «аз кор баровардани таҳҳизоти

компютерӣ» бояд ба ибораи «вайрон кардани системаи компютерӣ ё шабака» иваз карда шавад.

4. Бо мақсади дуруст татбиқ намудани меъёрҳои боби 28 КҶ ҶТ пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 298 КҶ ҶТ-ро бо эзоҳ дар таҳрири зерин пурра карда шавад. «Дар боби мазкур зарари ҷиддӣ андозаи зарари расонидашудае мебошад, ки аз рӯйи вазъи моддии ҷабрдида муайян гардида, аз 200 андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар буда наметавонад».

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ҳам диспозитсия ва ҳам номи моддаи 303 КҶ ҶТ бо калимаи «Ғайриқонунӣ» оғоз карда шуда, дар баробари ин, ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор ҳолатҳои қонунии таҳияи барномаҳои компютерӣ ё даровардани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда, ки дорои хусусияти зараровар мебошанд, пурра карда шаванд.

6. Дар моддаҳои 298-304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти дараҷаи хавфнокии кирдорҳои марбут ба истифодаи мақоми хизматӣ, равона шудани кирдор алайҳи мақомоти давлатӣ ва эҷоди мушкилот дар фаъолияти муътадили онҳо, корхонаҳо ва муассисаҳои дорои аҳаммияти стратегӣ, инчунин, содир намудани ҷиноят бо мақсадҳои ғаразнок, пешниҳод мегардад, ки ҳолатҳои зикршуда ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда дар таркиби ин ҷиноятҳо муқаррар карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд, мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмуи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд. Хулосаву пешниҳодоти дар

диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар самтҳои зерин истифода гарданд: такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқие, ки муборизаро бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ танзим мекунад; истифода дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ, аз ҷумла ҳангоми омода намудани Қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи якхелаи қонунгузории ҷиноятӣ дар ин соҳа мусоидат менамояд; таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, ки ба рушди мавзуи диссертатсия нигаронида шудаанд, инчунин татбиқ дар равандҳои таълим дар муассисаҳои олии таълимӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия бо мақола ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар соҳаи татбиқи меъёрҳои КҶ ҶТ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ироа гардиданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани лексияҳо дар муассисаҳои таълимӣ корбурд мегарданд. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешаванд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳод гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Правовое государство и гражданское общество в современном мире» – маъруза дар мавзуи «Уголовная ответственность за преступления против информационный безопасности (компьютерной информации) по уголовному законодательству стран СНГ: сравнительно правовое анализ (Караганды: Карагандинский государственный Университет им. Е.А. Букетова, 2014);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Таснифоти ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ» (ш. Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 майи соли 2023);

– Конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли «Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ» – маъруза дар мавзуи «Хусусиятҳои предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» (ш. Душанбе: Донишгоҳи байналмиилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2024).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба «Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар

мавзуи «Ҷавонон ва илми муосир» – маъруза дар мавзуи «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ва криминологии ҷиноятҳои компютерӣ» (ш. Душанбе, 2013).

Инчунин, ин натиҷаҳо дар ҷараёни таълим ва фаъолияти илмии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон васеъ истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 8 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Дар муқаддимаи** таҳқиқот асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷиноятҳои компютерӣ мавҷуданд, муайян мегарданд. Маҳз ҳамин мушкилот зарурат ва аҳаммияти мавзуи мазкурро таъкид менамоянд. Ҳамчунин, дар муқаддима усулҳое, ки барои таҳлил истифода шудаанд, тавсиф карда мешаванд.

Боби аввали таҳқиқот ба баррасии «**Мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва низоми онҳо»** бахшида шудааст. Дар ин қисмати кор, ки аз се зербанд иборат мебошад, масъалаҳои калидии зерин баррасӣ мегарданд: муайян кардани мафҳуми ҷиноятҳои мавриди назар, таснифоти онҳо ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии чунин ҳуқуқвайронкуниҳо дар кишварҳои хориҷӣ. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои гуногун имкон

медиҳад, ки хусусиятҳои умумӣ ва хоси равишҳои мубориза бо ин навъи ҷиноятҳо ошкор карда шаванд.

Дар зербоби якуми боби якум – «**Мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ»** диққати асосӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар муҳити илмӣ барои ифода кардани ин навъи ҷиноятҳо истилоҳоти гуногун истифода мешаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз мушкилоти калидӣ дар ин самт муайян намудани мафҳуми аниқи «ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» мебошад. Коркарди таърифи ҳуқуқии он таҳлили пешакӣ ва дақиқ намудани категорияҳои асосие ба мисли «иттилоот», «амният» ва «иттилооти компютерӣ»-ро талаб мекунад. Танҳо пас аз баррасии ҳамаҷонибаи ин истилоҳот имкон дорад, ки таърифи пурра ва ҳуқуқии ин гурӯҳи ҷиноятҳо пешниҳод карда шавад.

Омӯзиши масъалаҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ, пеш аз ҳама, ба рушди заминаи назариявӣ ва таҳлили мафҳумҳои асосӣ такя мекунад. Ин соҳаи ҳуқуқ дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, далели он баҳсҳои идомадори илмӣ дар мавриди худи истилоҳи «амният» мебошад. Сарфи назар аз таваҷҷуҳи васеи илмӣ, то ҳол ягон фан ё соҳаи илмӣ таҳлили пурраи ин мушкилро пешниҳод накардааст.

Мураккабии мафҳуми «амният» аз табиати байнисоҳаии он бармеояд, ки таҳқиқоти ҳамаҷониба ва муносибати комплексиро талаб мекунад. Барои танзими самараноки ҳуқуқӣ дар ин соҳа зарур аст, ки на танҳо ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки таҷрибаи байналмилалӣ, стандартҳои техникӣ ва талаботи муосири даврони рақамӣ низ ба назар гирифта шаванд.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои вобаста ба амнияти иттилоотӣ ба гурӯҳи алоҳида ҷудо карда шудаанд, ки ин ҳолат дар фасли XII ва боби 28 КҶҚ ҶТ мустаҳкам гардидааст. Бо вуҷуди ин, дар муҳити илмӣ то имрӯз баҳсҳо дар мавриди истифодаи дурусти истилоҳот барои ифодаи ин гурӯҳи ҷиноятҳо идома доранд.

Мутахассисон истилоҳоти гуногунро истифода менамоянд, аз ҷумла: ҷиноятҳо дар фазои киберӣ, ҷиноятҳои компютерӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи технологияҳои рақамӣ ва ҷиноятҳои марбут ба шабакаҳои телекоммуникатсионӣ. Гуногунфаҳмии истилоҳот аз хусусияти бисёрҷанбаи масъала шаҳодат дода, зарурати идомаи таҳқиқоти назариявӣ ва якхела намудани истилоҳотро дар санадҳои қонунгузорӣ таъкид менамояд. Истифодаи истилоҳоти гуногун ҳангоми номгузории чунин кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок мушкилоти муайянеро дар самти фарқгузорӣ ва маҳдуд кардани доираи онҳо ба вуҷуд меорад.

Мафҳуми «иттилоот» дар баъзе санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», чунин шарҳ дода мешавад: «иттилоот – маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо» [4].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 25 июни соли 2011 бошад, мафҳуми «амнияти иттилоотӣ» ҳамчун «ҳолати муҳофизатии манбаъҳои давлатии иттилоотӣ, инчунин ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот» таъриф карда мешавад [2].

Ба ақидаи муаллиф, истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» нисбат ба мафҳуми «ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» доираи васеътари ҳуқуқвайронкуниҳоро дар бар гирифта, тамоми намудҳои ҷиноятҳои вобаста ба технологияҳои иттилоотиро фаро мегирад.

Истифодаи васеи истилоҳи «киберҷиноятқорӣ» дар адабиёти муосири илмӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки ба андешаи аксар муҳаққиқон, ин мафҳум тамоми кирдорҳои ҷиноятии бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ содиршавандаро дар бар мегирад. Бо ин ҳама, истилоҳи «киберҷиноятқорӣ» дар ибтидо танҳо ба он ҷиноятҳое ишора

мекард, ки дар шабакаи Интернет содир мешуданд. Баъдтар ҷомеаи илмӣ ба истифодаи он нисбат ба тамоми намуди ҷиноятҳои компютерӣ шуруъ намуд. Мафҳуми ҷиноятҳои компютерӣ ҳамчун категорияи мураккаб, тамоми намудҳои ҷиноятҳоеро дар бар мегирад, ки ба низоми таъмини амнияти иттилооти компютерӣ таҳдид мекунанд.

Дар зербоби дуюми боби якум бо номи «**Таснифоти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ»** асосҳои гуногуни гурӯҳбандии чунин кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок баррасӣ шуда, аҳаммияти низомнокии ҷиноятҳои компютерӣ барои муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар сохтори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода мешавад.

Таснифоти кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок дорои аҳаммияти махсуси ҳуқуқӣ мебошад, зеро шарти муҳимми фаъолияти қонунгузорӣ ва таъмини ҳимояи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ низ низомнокии меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тафсири дурусти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва бамаврид муайян намудани таркиби ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, нақши муҳим мебозад.

Таснифоте, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба ҷиноятҳои компютерӣ пешниҳод шудаанд, ба пурраги асоснок нестанд, зеро дар онҳо меъёрҳои аниқу возеҳ барои гурӯҳбандии ин ҷиноятҳо зикр нашудаанд. Чунин таснифот танҳо ба имконияти содир намудани кирдорҳои муайян бо истифода аз компютер асос ёфта, омилҳои дигари муҳимро ба инобат намегиранд.

Ғайр аз ин, дар таснифотҳои пешниҳодшаванда рӯйхати пурраи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои компютерӣ содир мешаванд, вуҷуд надорад. Дар воқеият бисёре аз ҷиноятҳои анъанавӣ метавонанд бо истифодаи воситаҳои компютерӣ содир карда шаванд, аммо худи факти истифода шудани чунин воситаҳо наметавонад кирдорро ба таври автоматӣ ҳамчун ҷинояти компютерӣ тасниф намояд.

Қонунгузор ба принсипи гурӯҳбандии ҷиноятҳо вобаста ба объекти таҷовуз такя намуда, онҳоро дар бобҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой додааст. Тибқи ҳамин муносибат, ҷиноятҳои вобаста ба технологияҳои компютерӣ дар боби 28-и Кодекси ҷиноятии ҶТ муттаҳид шудаанд. Аз ин рӯ, таснифи ҷиноятҳои компютерӣ бояд дар доираи ҳамин боб, бо назардошти хусусиятҳои объекти таҷовузи ҷиноятӣ анҷом дода шавад.

Аз ҷиҳати шакли гуноҳ, ҷиноятҳои компютерӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: қасдона ва аз беэҳтиётӣ содиршуда:

– Ҷиноятҳои қасдона (моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ);

– Ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда (қисми 2 моддаҳои 298, 299, 300, 303 ва қисми 3 моддаи 304 КҶ ҶТ).

Ҳангоми таҳлили фарқияти ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ вобаста ба шакли гуноҳ бояд қайд намуд, ки таркибҳои асосӣ ва вазнинтаркунанда, ки дар қисми 1-и моддаҳои 298-304, инчунин қисми 2-и моддаи 304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, метавонанд танҳо бо қасд содир карда шаванд.

Дар зербоби сеюми боби якум, ки «**Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ**» ном дорад, хусусиятҳои пешрафт ва навовариҳои баъзе давлатҳо дар ҷодаи таҳкими ҳуқуқии чунин кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок дар Кодексҳои ҷиноятӣ муайян карда мешаванд. Вобаста аз хусусиятҳои қонунгузории миллӣ роҳҳои истифодаи меъёрҳои мусбии давлатҳои хориҷӣ дар КҶ ҶТ асоснок мегардад.

Дар Кодексҳои ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ шумораи гуногуни таркибҳои ҷиноятҳои компютерӣ пешбинӣ шудааст: дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова – 12, Туркманистон – 11, Қазоқистон ва Ӯзбекистон – 9, Россия ва Украина – 6, Беларус – 5 ва Қирғизистон – 4 таркиби ҷиноятӣ.

Илова бар ин, таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки Кодексҳои ҷиноятии амалкунандаи кишварҳои

пасошуравӣ тамоми номгӯйи кирдорҳои ғайриқонунии содиршаванда дар соҳаи амнияти иттилоотӣ (иттилооти компютерӣ)-ро фаро намегиранд. Муаллиф қайд менамояд, ки ҷиноятҳо алайҳи амнияти иттилоотӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон криминализатсия гардонида шуда, бо номҳои гуногун – «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ» ва «киберҷиноятҳо» номгузорӣ мешаванд. Ба андешаи муаллиф, нисбат ба КҶ ҶТ муносибати кишварҳои хориҷӣ нисбат ба ин навъи ҷиноятҳо дурусттар аст, зеро аз диспозитсияи моддаҳои боби 28-и КҶ ҶТ бармеояд, ки дар воқеият на иттилоот, балки иттилооти компютерӣ ҳифз карда мешавад.

Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки Кодекси ҷиноятии моделӣ ба қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ таъсири муайян расонидааст. Боби 30-и ин Кодекси моделӣ низ айнан ба монанди фасли XII-и КҶ ҶТ бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» номгузорӣ шудааст.

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки дар ҳамаи ин давлатҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба амнияти иттилоотӣ пешбинӣ шудааст.

Хусусияти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон дар он аст, ки ҷиноятҳои марбут ба технологияҳои компютерӣ дар боби алоҳида (боби 40) бо номи «Ҷиноятҳо алайҳи амнияти киберӣ» муттаҳид шудаанд, ки ин муносибати махсуси қонунгузорро ба танзими ҳуқуқии ин соҳа инъикос менамояд. Дар байни давлатҳои пасошуравӣ дар Кодекси ҷиноятии Қирғизистон шумораи нисбатан ками чунин ҷиноятҳо пешбинӣ шудааст, зеро дар боби мазкур ҳамагӣ чор таркиби ҷиноят муттаҳид гардидааст.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, таркибҳои ҷиноятҳои компютерӣ дар боби 7 «Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоот ва алоқа» пешбинӣ шудаанд, ки аз 9 таркиби ҷиноятӣ иборат аст. Ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дар Қазоқистон бо таркибҳои ҷиноятие, ки дар

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, хеле мувофиқанд. Бо вуҷуди ин, қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон меъёрҳои иловагии муайянеро дар бар мегирад, ки дар Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон вуҷуд надоранд. Аз ҷумла, дар қонунгузории ҷиноятии Қазоқистон таркиби ҷиноятие пешбинӣ шудааст, ки дар Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст, масалан, «тағйир додани ғайриқонунии рамзи мушаххаскунандаи дастгоҳи алоқаи мобилӣ, таҳҳизоти мушаххаскунандаи муштарӣ, инчунин, таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳо барои тағйир додани рамзи мушаххаскунандаи дастгоҳи алоқаи мобилӣ» [8]. Ин таркиби ҷиноят, инчунин барои дигар кишварҳои пасошуравӣ низ нав маҳсуб мешавад.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ боиси афзоиши миқдори ҷиноятҳо дар ин соҳа шудааст. Дар робита ба ин, ба ақидаи муаллиф, пурра асоснок аст, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёри алоҳидае пурра гардад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷойгир кардани манбаъҳои интернетӣ бо мақсадҳои ғайриқонунӣ пешбинӣ мекунад.

Ҳамчун намуна метавон таҷрибаи Ҷумҳурии Туркманистонро зикр намуд: дар Кодекси ҷиноятии ин кишвар боби махсус (боби XXXIII) бо номи «Ҷиноятҳо дар соҳаи информатика ва алоқа» мавҷуд аст, ки 11 таркиби ҷиноятиро (моддаҳои 373-383) дар бар мегирад. Аз ҷумла, моддаи 381-и ин Кодекс ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷойгир кардани манбаъҳои интернетӣ бо мақсадҳои ғайриқонунӣ муқаррар менамояд. Ворид кардани чунин меъёри мустақил ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бо ин гуна ҷиноятҳои барои ҷомеа хавфнок самараноктар мубориза бурда шавад.

Бо назардошти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ (Олмон ва ИМА) ва дар асоси қонунгузории амалкунанда, зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қаллобии компютерӣ ҷорӣ карда шавад.

Ба назари мо, пешбинӣ намудани чунин таркиби ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст, зеро дар шароити муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ ин навъи ҷиноятҳо хеле паҳн гардидаанд. Ҷорӣ намудани чунин меъёрҳо барои муборизаи самаранок бо ин амалҳои барои ҷомеа хавфнок зарур мебошад.

Аз натиҷаи таҳлили гузаронидашуда хулосаҳои муайян дар мавриди такмил додани қонунгузории ҷиноятии миллӣ дар самти ҳифзи иттилооти компютерии дорои дастрасии маҳдуд бароварда шудаанд. Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аз лиҳози технологӣ пешрафта хусусияти мусбат дошта бошад ҳам, дорои камбудиҳои муайян дар муборизаи бо чунин ҷиноятҳо мебошад.

Камбудии асосии аксари кодексҳои ҷиноятии хориҷӣ дар қисмати ҳимояи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба иттилооти дорои дастрасии маҳдуд он аст, ки чунин таркиби ҷиноятҳо хусусияти оғози парвандаи ҷиноятиро танҳо дар асоси аризаи шаҳрванд муқаррар месозанд, яъне ин гуна ҷиноятҳо парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳамчунин, падидаи манфии дигар вуҷуд дорад, ки ҷабрдида (соҳиби низоми компютерӣ), аксаран, ба огоҳ намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи ҳолатҳои воридшавии ғайриқонунӣ ба низомҳои компютерии дорои дастрасии маҳдуд таваҷҷуҳ зоҳир намекунад.

Дар боби дуюми ин таҳқиқот «**Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ»** ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳое, ки ба соҳаи амнияти иттилоотӣ алоқаманданд, баррасӣ мегарданд. Дар доираи ин боб таҳлили муфассали аломатҳои объективии ҷиноятҳои мазкур гузаронида мешавад.

Зербоби якуми боби мазкур таҳти унвони **«Объект ва предмети ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ»** ба омӯзиши равишҳои асосии назариявӣ оид ба муайян намудани объекти таъсири ҷиноятӣ бахшида шудааст.

Муаллиф қабл аз муайян намудани объекти ҷиноятҳо алайҳи амнияти иттилоотӣ, масъалаҳои умумиро вобаста ба объекти ҷиноят мухтасар таҳлил менамояд. Қайд карда мешавад, ки назарияи объект ва аломатҳои он яке аз таълимоти калидӣ, вале дар айни замон нокифоя рушдёфта дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Мувофиқи мантиқи қонунгузор, объекти хелӣ ва намудии ин гурӯҳи ҷиноятҳо худи амнияти иттилоотӣ мебошад, ки дар унвони ҳамин боб ва фасли Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Бо ҳамин асос, объекти хелӣ ва намудии ҷиноятҳои мазкур муносибатҳои ҳуқуқие мебошанд, ки ба таъмини ҳифзи амнияти иттилоотии ҳаёти хусусӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ ва ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд ва ин навъи ҷиноятҳо дар фаслҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ низ ҷой дода шудаанд.

Пеш аз ҳама, категорияҳои мушаххаси иттилооте, ки таҳти ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор доранд, аз рӯйи мақоми ҳуқуқӣ ва аҳаммияти онҳо барои ҷомеа муайян карда мешаванд.

Ба андешаи муаллиф, таҳлили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад хулоса кард, ки муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи истифодаи иттилооти компютерӣ ба миён меоянд ва ҳифзи махсусро талаб мекунанд, чандон дақиқ ва дуруст муайян карда нашудаанд. Дар баробари ин, худи номгузории предмети ҷиноят хеле васеъ тарҳрезӣ шудааст, ки мушаххас кардани аломатҳои онро дар ҷиноятҳои пешбинишуда дар боби алоҳидаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкил мегардонад. Дар ин маврид мақсаднок аст, ки амнияти иттилооти компютерӣ ҳамчун объекти мустақили намудии ин навъи ҳуқуқвайронкуниҳо баррасӣ карда шавад.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки объекти бевоситаи ҷиноятҳо алайҳи амнияти иттилоотӣ мебошанд, ба таъмини ҳифзи маълумоте равона шудаанд, ки дар низомҳои

компютерӣ, шабакаҳо ва манбаъҳои иттилоотӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ин гуна муносибатҳо дар ҷараёни фаъолияти муҳофизати иттилооти компютерии дорои дастрасии маҳдуд ташаккул меёбанд (масалан, дар ҳолати ифшои ғайриқонунии маълумоте, ки сирри тиҷоратӣ, объекти бевосита факултативӣ муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шахс мебошад).

Иттилооти компютерӣ аз ҷиҳати мазмун метавонад дорои хусусиятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бошад. Дар ҳар ҳолати дастрасии ғайриқонунӣ ба чунин иттилоот, ногузир ягон объекти иловагӣ зарар мебинад. Ин маънои онро дорад, ки муносибатҳои ҷамъиятие, ки суботи онҳо аз сатҳи амнияти иттилоотӣ вобастагӣ дорад, доимо таҳти таҳдид қарор доранд.

Омӯзиши предмети ҷиноят имкон медиҳад, ки моҳияти объекти асосии он ба таври пурраву дақиқ муайян карда шавад. Аксари меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ба тарзе таҳия шудаанд, ки дар онҳо объекти муҳофизати манфиатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бевосита зикр намешавад. Ҷиноятҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ равона шудаанд, аксаран «предметӣ» мебошанд, яъне предмети ҷиноят ҳамчун, унсури ҳатмии таркиби онҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯй, ҳангоми баррасии таркиби ин ҷиноятҳо масъалаи муайян намудани предмети ҷиноят нисбат ба худи объект аҳаммияти бештар дорад.

Дар доираи ин таҳқиқот, таҳти мафҳуми предмети ҷиноят иттилооте фаҳмида мешавад, ки барои он низоми махсуси ҳифзи ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, ба ақидаи муаллиф, на ҳама иттилооти компютерӣ ба шакли ҳуҷҷатӣ сабт мегардад. Ҳаҷми зиёди иттилоот метавонад дар шакли ғайриҳуҷҷатӣ вуҷуд дошта бошад. Аз ин сабаб чунин иттилоот низ бояд ҳамчун предмети ҷиноятҳои мазкур баррасӣ карда шавад.

Предмети ин навъи ҷиноятҳо аз хусусиятҳои мушаххаси таркиби ҷиноят вобастагӣ дорад. Он метавонад ҳам

воситаҳои физикии нигоҳдории иттилоот ва ҳам ҷузъҳои рақамӣ ва дигар захираҳои иттилоотиро дар бар гирад, ки дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ мебошанд.

Зербоби дуюми боби дуюм, ки «**Аломатҳои тарафи объективии ҷиноятҳо бар муқобили амнияти иттилоотӣ**» ном дорад, ба таҳлили ҷанбаҳои асосии аломатҳои тарафи объективии кирдорҳои баррасишаванда бахшида шудааст. Дар параграфи мазкур хусусиятҳои калидии тарафи объективӣ, механизмҳои содиршавии онҳо ва оқибатҳои ҳуқуқии чунин ҷиноятҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Барои гузаронидани таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии ин навъи ҷиноятҳо зарур аст, ки аломатҳои ба тарафи объективии кирдорҳои мазкурро ҳамаҷониба омӯхта шаванд. Ҷиноятҳое, ки дар соҳаи иттилооти компютерӣ содир мешаванд, аз ин қоида истисно нестанд.

Ҳар як намуди ҷиноятҳое, ки дар боби 28 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, дар сохтори ҷониби объективии таркиб хусусиятҳои худро доранд.

Тарафи объективии ҷиноятҳои вобаста ба амнияти иттилоотӣ, асосан, бо кирдорҳои фаъол тавсиф мегардад, ҳарчанд дар баъзе ҳолатҳо унсури беҳаракатӣ низ вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, ин ҷиноятҳо аз рӯйи хусусиятҳои тарафи объективӣ аз якдигар фарқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, тарафи объективии ҷинояте, ки дар м. 298 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дар «дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооте, ки дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд» [1] ифода мегардад. Ҳангоми таҳлили тарафи объективии ин кирдор муайян кардани мафҳуми ғайриқонунӣ будани дастрасӣ ва хусусияти зиддиҳуқуқии он муҳим мебошад.

Муаллиф таҳти мафҳуми дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ ҳар гуна дахолати бе иҷозат ба захираҳои иттилоотии мавҷуд дар системаи компютериро

новобаста аз намуди воситаи нигоҳдории онҳо мефаҳмад. Асоси мафҳумии «ғайриқонунӣ будан»-и чунин дастрасӣ метавонад ҳам дар маънои бевосита, ки бо қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, ва ҳам дар ҳолати бе розигии соҳиби қонунии иттилоот сурат гирифтани дастрасӣ ифода ёбад.

Шахсе, ки ба компютер дастрасӣ дорад, ҳатман дорои ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти мушаххаси дар он нигоҳ дошташуда нест. Худ далели пайвастшавӣ ба компютер ё дастгоҳи нигоҳдории иттилооти шахси дигар, худ аз худ дастрасӣ ба маълумоти компютерӣ ҳисоб намешавад. Аммо чунин кирдорҳо метавонанд боиси ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба техникаи компютерӣ ё ҳамчун кӯшиши дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот, дар сурати мавҷудияти нияти вайрон кардани қонун, арзёбӣ шаванд.

Дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ метавонад ҳам тавассути робитаи мустақим бо таҷҳизоти компютерӣ ва ҳам тавассути технологияҳои шабакавие, ки пайвастшавии компютерҳои дурдаст ё истифодаи интернетро таъмин менамоянд, амалӣ карда шавад. Дар солҳои охир усули дуюм хеле бештар паҳн шудааст.

Таркиби ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, ба истиснои қ.1 м. 298, қ.қ. 1 ва 2 м. 301, м. 302, қ. 1 м.303 КҶ ҶТ, ба ҷиноятҳои дорои таркиби моддӣ дохил мешаванд.

Дар м. 299 КҶ ҶТ тарафи объективии ҷиноят ҳамчун «тағйири иттилоот, ки дар системаи ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо нигоҳ дошта шудааст, ҳамчунин, дидаю дониста ба онҳо дохил намудани иттилооти бараъло бардурӯғ» муайян карда мешавад.

Тибқи м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабри соли 2002, тағйири иттилоот ҳамчун «дигаргун сохтани иттилоот, ки иҷозати муаллиф ё молики иттилоотро талаб менамояд» [3], муайян шудааст.

Муаллиф ба ақидае майл доранд, ки тағйир додани иттилоот ҳар гуна тағйирот дар маълумотҳои компютериро фаро мегирад. Ин тағйирот метавонанд ба барномаҳои

компютерӣ, базаи маълумотҳо ва ҳатто иттилооти матние, ки дар воситаҳои моддӣ сабт гардидаанд, дахл дошта бошанд.

Яке аз нишонаҳои муҳими тарафи объективии ҷиноят, ки дар м. 303 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, таҳия намудани тамъиноти барномавӣ мебошад. Дар доираи ҳамин модда қонунгузор ду намуди барномаҳоро ҷудо мекунад: таҳияи барномаҳои муқаррарии компютерӣ ва таҳияи барномаҳои махсуси зараровар (барномаҳои вирусӣ ё зараровар).

Тағйири барномаҳои аллакай мавҷудбуда дар доираи ин меъёр тағйири алгоритми кори онҳоро дар бар мегирад. Ин метавонад дар шакли хориҷ намудани лаҳзаҳои алоҳидаи коди ибтидоӣ, иваз кардани онҳо бо унсурҳои дигар, илова кардани вазифаҳои нав ё шаклҳои дигари дахолате зоҳир гардад, ки ба фаъолияти барнома таъсир мерасонанд.

Муаллиф ҳангоми таҳлили тарафи объективии ҷинояти м. 303 КҶ ҶТ пешниҳод менамояд, ки диспозитсия ва номи ин модда бо калимаи «ғайриқонунӣ» оғоз шавад. Дар баробари ин, бояд ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор пурра гардонида шаванд ва шартҳои ҳуқуқии таҳияву рушди техникаи компютерӣ, барномаҳо ё ворид кардани тағйироти зараровар ба барномаҳои мавҷудбуда муайян карда шаванд.

Тарафи объективии м. 304 КҶ ҶТ ҳамчун «вайрон кардани қоидаҳои истифодаи системаи компютерӣ ё шабака» тавсиф меёбад.

Тарафи объективии таҳриби компютерӣ (м. 300 КҶ ҶТ) амали намудани яке аз кирдорҳои алтернативии зеринро бо иттилоот ё барномаҳои компютерӣ дар бар мегирад: «1) несту нобуд кардани онҳо; 2) муҳосира сохтани иттилооти компютерӣ; 3) корношоям сохтани онҳо; 4) аз кор баровардани онҳо».

Тарафи объективии м. 301 КҶ ҶТ – «Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ» кирдорҳои зеринро дар бар мегирад: «1) нусхабардории ғайриқонунӣ; 2) ба даст овардани иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, ҳамчунин дошта гирифтани

иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад» [3].

Оқибатҳое, ки қонунгузор ҳамчун аломати ин ҷиноятҳо муайян кардааст, дар қ. 3 м. 298, қ. 2 м. 299, қ. 2 м. 300, қ. 4 м.301, қ. 2 м. 303 ва қ. 3 м. 304 ҳамчун «оқибатҳои вазнин» пешбинӣ шудаанд. Таркибҳои ҷиноятҳо, ба истиснои қ. 1 м. 298, қ.қ. 1 ва 2 м. 301, м. 302, қ. 1 м. 303 КҶ ҶТ, таркиби моддӣ маҳсуб мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои кирдорҳои номбаршуда (м.м. 299, 300, 303 ва 304 КҶ ҶТ) бояд байни кирдор ва оқибатҳои ҷиноят робитаи сабабӣ вуҷуд дошта бошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки гарчанде қонунгузор расонидани зарари ҷиддиро ҳамчун аломати ҳатмӣ ё алтернативии фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳое, ки дар қ. 2 м. 298, қ. 2 м. 299, б. «в» қ. 3 м. 301 ва қ. 1 м. 304 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, нишон дода бошад ҳам, вале ҳаҷми мушаххаси чунин зарар муайян нашудааст. Ба ақидаи муаллиф, чунин номуайянӣ метавонад боиси тафсири васеъ ё баръакс маҳдуди ин меъёрҳо ва инчунин ихтилоф дар фаҳмидани ҳудудҳои зарари ҷиддӣ ҳангоми татбиқи онҳо гардад. Бо назардошти ин, бо мақсади татбиқи дурусти меъёрҳои зикршудаи боби 28 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, ки м. 298 КҶ ҶТ бо эзоҳи зерин илова карда шавад: «Дар ҳамин боб зарари ҷиддӣ зарарест, ки вобаста ба вазъи моддии ҷабрдида муайян мегардад ва наметавонад камтар аз 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад».

Дар боби сеюм **«Аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ»** мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар фасли якуми боби сеюм «**Хусусиятҳои аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ**» масъалаи субъект ва тарафи субъективии ҷиноятҳое, ки дар боби 28 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Субъекти ин ҷиноятҳо шахси воқеии умумӣ буда, синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 16-солагӣ муайян шудааст. Аммо паст кардани синни ҷавобгарӣ то 14-солагӣ, танҳо дар ҳолатҳои фаро расидани оқибатҳои вазнини ҷиноят (масалан, барои содир намудани ҷинояте, ки дорои аломатҳои вазнинкунанда мебошад) мантиқӣ ба назар мерасад. Дар асоси ин назар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ қарор дорад, ки дар онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои ба ҳамин монанд аз синни 14 ё 15-солагӣ муайян шудааст. Ғайр аз ин, оқибатҳои ҷиноятҳои баррасишаванда метавонанд зарари вазнин ба ҷабрдидагон расонида (қ. 2 м. 298, м. 273, қ. 3 м. 301, м. 304 КҶ ҶТ) ё бо ҷиноятҳои ба моликият вобаста (дуздӣ, қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк ва ғайра) алоқаманд бошанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо тибқи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз синни 14-солагӣ фаро мерасад. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки ба номгӯйи ҷиноятҳое, ки дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, инчунин, таркибҳои ҷиноятҳои мазкур низ ворид карда шаванд.

Тарафи субъективии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ муносибати рӯҳии гунаҳгор ба кирдорҳои содиршуда ва оқибатҳои пешбинишуда дар диспозитсияҳои м.м. 298-304 КҶ ҶТ мебошад. Қасд дар ҳама шаклҳояш барои таркибҳои моддӣ хос мебошад (қ. 2 ва 3 м. 298, м. 299, б. «б» қ. 4 м. 301, қ. 2 м. 303, м. 304 КҶ ҶТ). Дар таркибҳои расмӣ (қ. 1 м. 298, қ. 4 м. 301, қ. 1 м. 302, қ. 1 м. 303 КҶ ҶТ) ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани кирдор (дастрасии ғайриқонунӣ) анҷомёфта ҳисобида мешавад.

Шахс оқибатҳои кирори худро дар шакли таҳияи барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) ё ворид кардани тағйирот ба барномаҳои мавҷудбуда бо мақсади нест кардан, бастан, тағйир додан ё нусха кардани иттилооте, ки дар системаҳои компютерӣ, шабака ё базаи додаҳои мошинҳо ҷойгир аст, инчунин, таҳияи барномаҳои махсуси дорои вирусҳо, истифодаи огоҳона ё паҳн намудани базаҳои додаҳое, ки чунин барномаҳоро дар бар мегиранд,

дарк мекунад ва имконият ё ногузирии оқибатҳои хавфноки ҷамъиятии онҳоро пешбинӣ намуда, қасдан содир мекунад.

Таҳлили муқаррароти қ. 2 м. 298 КҶ ҶТ дар таҳрири феълиаш нишон медиҳад, ки қонунгузор ҷиноятҳои бо қасди бавосита содиршударо ба доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ дохил накардааст. Чунин кирдорҳо таҳти аломатҳои дигар ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла, таҳриби компютерӣ низ намеафтанд, гарчанде оқибатҳои онҳо метавонанд шабеҳ бошанд. Бо вуҷуди ин, моддаи мазкур танҳо кирдорҳои қасдан содиршударо дар бар мегирад.

Аз ин рӯй, тавсия дода мешавад, ки дар таҳрири қ. 2 м. 298 КҶ ҶТ ислоҳот ворид карда шуда, аз он ишора ба «беэҳтиётӣ» хориҷ карда шавад.

Ҳамчунин, дар моддаҳои таҳқиқшаванда аломати вазнинкунандаи «боиси оқибатҳои вазнин гардида бошад» муайян шудааст, ки ин оқибатҳо аз беэҳтиётӣ ба миён меоянд. Ба чунин оқибатҳо марги одам аз беэҳтиётӣ, расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ, садамаҳои гуногун, зарари калони моддӣ ва ғайра мансуб мешаванд.

Ҳангоми таҳлили тарафи субъективии ҷиноятҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ бояд ба мақсади содир намудани кирдори ғайриқонунӣ таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Ҳамин тавр, б. «г» қ. 3 м. 301 КҶ ҶТ мустақиман «содир намудани ҷиноят бо мақсади ба даст овардани иттилооти ниҳоят арзишнок»-ро ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят муқаррар кардааст. Илова бар ин, дар м. 302 КҶ ҶТ нишон дода шудааст, ки ҷиноят метавонад бо мақсади «ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин, ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсуси барномавӣ ё таҷҳизотӣ барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерии муҳофизатдор» [1] содир карда шавад.

Муҳим дониста мешавад, ки ҳангоми таҳқиқи ҷиноятҳои марбут ба иттилооти компютерӣ ба ангезаи содиркунандагони ҳуқуқвайронкунӣ низ диққати махсус дода шавад. Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории ҷиноятии мавҷуда

ангеза ҳамчун аломати ҳатмии субъективии таркиби ҷиноят эътироф карда намешавад.

Ҳамзамон муаллиф қайд менамояд, ки набудани таърифи возеҳу дақиқи сабабу ҳадафҳои содир намудани ҷиноятҳои компютерӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ боиси пайдоиши нуқсонҳо дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мегардад.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши таҷрибаи судӣ вобаста ба ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, муаллиф ба хулосае меояд, ки илова намудани аломати нави вазнинкунанда – «содир намудани ҷиноят аз рӯи ангезаҳои авбошона» ба моддаҳои 298-304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии таркибҳои бандубастшаванда дар сохтори моддаҳои 298-304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, ба таҳлили ҳуқуқию ҷиноятии аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноятҳои пешбинишуда дар моддаҳои 298-304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таркиби вазнинкунандаи ҷиноят навъе аз таркиби асосӣ мебошад, ки бо мавҷуд будани аломатҳои иловагӣ тавсиф мегардад, ки хавфи ҷамъиятии кирдори дар таркиби асосӣ зикршударо ба таври назаррас зиёд мекунанд.

Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷиноятро аз ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин мекунанд ва дар м. 62 КҶ ҶТ номбар шудаанд, бояд фарқ кард. Агар яке аз ҳолатҳои дар м. 62 КҶ ҶТ номбаршуда аллакай дар меъёрҳои мушаххаси боби 28 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда бошад, пас суд ҳангоми таъйини ҷазо ҳуқуқ надорад онро дубора ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ба назар гирад.

Дар м.м. 298-304 КҶ ҶТ номгӯйи васеи аломатҳои вазнинкунанда пешбинӣ шудааст. Масалан, аломати такрори ҷиноят танҳо дар м. 301 (Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, банди «а» қ. 4) пешбинӣ шудааст. Моҳияти ин аломат бояд бо назардошти муқаррароти м. 19

КҶ ҶТ, ки ба такрори ҷиноятҳо бахшида шудааст, муайян карда шавад.

Аломати оқибатҳои вазнин ҳамчун аломати вазнинкунанда ҳангоми содир намудани чунин ҷиноятҳо, ба монанди «тағйир додани иттилооти компютерӣ (қ. 2 м. 299 КҶ ҶТ), таҳриби компютерӣ (қ. 2 м. 300 КҶ ҶТ), таҳия, истифода ё паҳн кардани барномаҳои зарароват (қ. 2 м. 303 КҶ ҶТ) баромад мекунад. Илова бар ин, оқибатҳои вазнин ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар таркибҳои ҷиноятҳои марбут ба дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ (қ. 3 м. 298 КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ (қ. 4 м. 301 КҶ ҶТ) ва вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ (қ. 3 м. 304 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст» [1].

Одатан, таҳти мафҳуми оқибатҳои вазнин зарар дар назар дошта мешавад, ки аз зарари калон бештар буда, барои ҷабрдида оқибатҳои ҷиддитарро ба бор меорад. Аммо қонунгузорӣ муҳтавои ин мафҳумро мушаххас накардааст ва дар натиҷа ин аломат хусусияти баҳодиҳӣ пайдо мекунад. Чунин хусусияти баҳодиҳӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки тамоми ҳолатҳои парвандаро ҳангоми арзёбии ҳуқуқии амали содиршуда ба назар гиранд.

Зарур аст қайд карда шавад, ки аломати вазнинкунанда дар б. «а» қ. 2 м. 299 КҶ ҶТ пешбинишуда – «бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ алоқаманд бошад» амалан муқаррароти м. 298 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҷавобгариро барои дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ пешбинӣ мекунад, такрор менамояд. Дар асл, ин аломати вазнинкунанда пурра бо м. 298 КҶ ҶТ фаро гирифта шудааст. Аз ин рӯ, мантиқӣ ва асоснок аст, ки ин аломат аз таркиби ҷинояти дар м. 299 КҶ ҶТ пешбинишуда хориҷ карда шавад. Чунин иқдом имкон медиҳад, ки такрори зиёдатии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ бартараф гардад.

Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон беасос истифодаи мақоми хизматиро ҳамчун аломати вазнинкунандаи таркиби ҷиноятҳои марбут ба иттилооти компютерӣ дохил накардааст. Дар ҳамин ҳол, қисми зиёди ҷиноятҳои дар боби 28 КҶ ҶТ зикршуда аз тарафи мутахассисони соҳавӣ, ки дорои донишҳои махсуси техникӣ мебошанд ё шахсони мансабдоре содир мегарданд, ки ба маълумоти махфӣ аз рӯйи вазифа дастрасӣ доранд. Бо назардошти ин, мувофиқи мақсад мебошад, ки м.м. 298-304 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аломати вазнинкунандаи нав – «содир намудани ҷиноят бо истифода аз мақоми хизматӣ» пурра карда шаванд. Ворид намудани чунин аломат имкон медиҳад, ки дараҷаи ҷавобгарӣ барои кирдорҳои мазкур бо дақиқии бештар муайян ва фарқ карда шавад.

Дар м. 301 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай аломатҳои вазнинкунандае муқаррар шудаанд, ки бо хусусияти гурӯҳии ҷиноят алоқаманд мебошанд. Ҳамин тариқ, б. «б» қ.3 ва б. «б» қ. 4 моддаи мазкур барои кирдорҳое, ки аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил содир шудаанд, ҷавобгарии баландтарро пешбинӣ мекунанд. Ҳангоми тафсири ин муқаррарот бояд қ.қ 2 ва 3 м. 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мафҳуми шарикӣ дар ҷиноятро тавзеҳ медиҳанд, ба назар гирифта шаванд. Муҳим аст таъкид карда шавад, ки ҷиноятҳои соҳаи иттилооти компютерие, ки бо шарикӣ содир мешаванд, дорои ягон хусусияти хосе нестанд, ки берун аз доираи қоидаҳои умумии шарикӣ бошанд. Мутаносибан, ба чунин кирдорҳо бояд меъёрҳои умумии м. 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шаванд.

Илова бар ин, дар м. 301 КҶ ҶТ содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ҳамчун ҳолати махсусан вазнинкунандаи ҷиноят ҷудо карда шудааст. Ин ҳолат хавфи ҷамъиятии ғайриқонунӣ ба даст овардан ва истифода бурдани иттилооти компютериро ба таври назаррас зиёд менамояд. Бо ин роҳ қонунгузор зарурати ҷазои сахттарро

барои ҷиноятҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккил содир мешаванд, таъкид мекунад.

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки қисми зиёди ҷиноятҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, аз рӯйи ангезаҳои ғаразнок содир мешаванд. Бо вуҷуди ин, чунин ангеза амалан дар ягон таркиби ҷиноят дар боби 28 КҶ ҶТ ҳамчун аломати вазнинкунанда ба таври дақиқ пешбинӣ нашудааст. Истисно танҳо б. «г» қ. 3 м. 301 КҶ ҶТ мебошад, ки дар он мақсади ба даст овардани иттилооти махсусан арзишнок ҳамчун ҳолати вазнинкунанда муайян шудааст.

Ба назари мо, барои фарқгузории аниқтари ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқи мақсад мебуд, агар м.м. 298, 299, 302 ва 303 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аломати вазнинкунанда «содир намудани ҷиноят аз рӯйи ангезаҳои ғаразнок» илова карда шаванд. Чунин тағйирот имкон медиҳад, ки ангезаҳои воқеии ҳуқуқвайронкунандагон ба назар гирифта шаванд. Ба туфайли ин, дараҷаи хавфи ҷамъиятии чунин кирдорҳо ба таври муассиртар баҳогузорӣ шуда метавонад. Ин дар навбати худ барои таъйини ҷазои одилона ва асоснок барои ҷиноятҳои ин навъ замина фароҳам хоҳад овард.

## ХУЛОСА

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ бори аввал баъд аз қабул гардидани КҶ ҶТ соли 1998 алоқаманд буда, дар боби 28 КҶ КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст. Дар баробари қабул гардидани боби мазкур марҳилаи нави муқовимат бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ оғоз гардид**.** Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, хусусияти қасдона ва ғайриқонунӣ доранд. Онҳо дар шакли дастрасии беиҷозат ба системаҳои рақамӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ зоҳир мегарданд, ки метавонанд боиси халалдор шудани кори муътадили онҳо шаванд. Чунин кирдорҳо механизмҳои муқарраршудаи ҳифзи

иттилоотро заиф намуда, барои ҳифз, дастрасӣ ва махфияти маълумот хатар эҷод мекунанд **[8-М]**.

2. Ҷиноятҳо ба муқобили амнитяи иттилоотӣ бо дигар намудҳои ҷиноятҳо дар робитаи зич қарор доранд, зеро ин ҷиноятҳо аксар вақт ҳамчун воситаи содир намудани дигар ҷиноятҳо амал мекунанд (тасарруф, тамаъҷӯйӣ, ифшои маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ, хиёнат ба давлат, ҷосусӣ ва ғ.).

3. Асоси таснифоти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мумкин аст вобаста ба объекти таҷовуз; вобаста ба расонидани зарар ба иттилоот; вобаста ба шакли гуноҳ анҷом дода шавад **[7-М]**.

4. Кодекси ҷиноятии моделии давлатҳои аъзои ИДМ ба инобат гирифта, чунин таркибҳои ҷинояти дар алоҳидагӣ «ғайриқонунӣ нигоҳ доштани иттилооти компютерӣ» мувофиқи мақсад мебошад.

5. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар ҳамаи қонунҳои ҷиноятии давлатҳои пасошурвӣ муқаррар карда шудаанд **[6-М]**.

6. Тавре ки таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ нишон дод, баъзе кишварҳои пасошуравӣ (ФР, Озарбойҷон ва Белорус) дар муқоиса бо КҶ ҶТдар Кодекси ҷиноятии худ ҳамагӣ панҷ таркиби ҷиноят ба муқобили амнияти иттилоотиро пешбинӣ намудаанд. Кодекси намунавии ИДМ ва КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон нуҳ таркиби чунин ҷиноятҳор муқаррар сохтаанд. Илова бар ин, таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ нишон дод, ки Кодексҳои ҷиноятии мавҷудаи кишварҳои ИДМ тамоми номгӯйи кирдорҳои ғайриқонунии содиршударо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ фаро намегиранд **[6-М]**.

7. Қонунгузории кишварҳои пасошуравӣ дар маҷмуъ зиёда аз се таркиби ҷиноятҳои ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон номаълумро дар бар мегиранд:

а) вайрон намудани кори низоми иттилоотӣ ё шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, «Ғайриқонунӣ тағйир

додани рамзи идентификатсияи дастгоҳи абонентии алоқаи мобилӣ, дастгоҳи мушаххаси муштарӣ, инчунин, таҳия, истифода, паҳн намудани барномаҳо барои тағйир додани рамзи мушаххаси дастгоҳи абонентӣ» [8];

б) ғайриқонунӣ паҳн намудани маҳзани иттилоотии барқии дастрасиашон маҳдуд (м. 380 КҶ Туркманистон);

в) вайрон намудани қоидаҳои иттилоотонӣ (м. 278-1 КҶ Узбекистон) **[1-М]**.

8. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо таъмини ҳифзи иттилооти дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо алоқаманданд, бояд ҳамчун объекти бевоситаи ҷиноятҳо зидди амнияти иттилоотӣ баррасӣ карда шаванд. Дар баробари ин, хавфи чунин ҷиноятҳо танҳо бо зарар расонидан ба муносибатҳои ҷамъиятии зикршуда маҳдуд намегардад; дар доираи таркибҳои алоҳидаи чунин ҷиноятҳо объектҳои иловагӣ метавонанд саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин дигар арзишҳои таҳти ҳимояи қонун қароргирифта бошанд **[3-М]**.

9. Предметҳои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, вобаста ба таркиби ҷиноятҳои мушаххас, метавонанд ҳам объектҳои моддӣ ва ҳам ғайримоддиро дар бар гиранд, аз ҷумла, иттилооти компютерӣ, вирусҳои компютерӣ, барномаҳо ва ғайра **[5-М]**.

10. Бо назардошти таҳлили диспозитсияи м. 298 КҶ ҶТ чунин мафҳуми ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотро пешниҳод менамоем – даромадани ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ ҳамчун бояд ҳама гуна дохилшавии ғайриоқонунӣ ба захираҳои итилоотии дар компютер мавҷудбуда, сарфи назар аз ҳомили мошинии он фаҳмида шавад. Дар баробари ин, «ғайриқонунӣ» будани дастрасӣ ба иттилооти ҳифзшавандаи компютерӣ, метавонад ҳам дар маънои бевоситаи қонунгузор ё дар мавҷуд набудани розигии соҳиби (соҳиби қонунии) иттилооти компютер зоҳир гардад **[2-М]**.

11. Субъекти ин ҷиноятҳо умумӣ буда, тибқи КҶ ҶТ шахси воқеии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида мебошад.

Ҳамзамон, паст намудани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин ҷиноятҳо то синни 14-солагӣ комилан дуруст ба назар мерасад, аммо танҳо дар ҳолатҳое, ки ҷинояти компютерии содиршуда оқибатҳои вазнинро ба вуҷуд овардааст ё таҳдиди чунин оқибатҳо ба вуҷуд омаданд (масалан, барои содир намудани ҷинояти бо аломатҳои бандубастшаванд), имконпазир аст. Ба сифати асоси чунин ақида метавон таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷиро истинод кард, ки дар онҳо ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои компютерӣ аз синни 14 ё 15-солагӣ муқаррар гардидааст. Ғайр аз ин, дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилооти имкони ба ҷабрдидагон расонидани зарари ҷиддӣ ҷой дорад ( қ. 2 м. 298, м. 273, қ. 3 м. 301, 304 КҶ ҶТ), ки онҳоро ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият (дуздӣ, қасдан несту нобуд ё вайрон намудани молу мулк ва ғайра) дохил мекунанд ва дар он барои онҳо тибқи КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 14 солагӣ оғоз мегардад. Бинобар ин, ба рӯйхати ҷиноятҳое, ки дар қ. 2 м. 23 зикр шудаанд, дохил намудани таркибҳои ҷиноятҳои дар қ. 3 м. 298, қ. 2. 299, қ. 3 м. 300, қ. 2 м. 303, қ. 3 м. 304 КҶ ҶТ дарҷшуда як қадами комилан мантиқӣ ва асоснок аз ҷониби қонунгузор хоҳад буд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Номгузории Фасли XII ва боби 28-и КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» тағйир дода шуда, он ба таври зерин таҳрир карда шавад «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилооти компютерӣ», зеро мазмуни мафҳуми амнияти иттилоотӣ аз доираи таркибҳои ҷинояти дар боби 28-и КҶ ҶТ пешбинигардида васеъ мебошад.

2. Ба м. 298 КҶ ҶТ ҷиҳати дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дуруст бандубаст намудани моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ илова намудани мафҳуми иттилооти компютерӣ дар таҳрири зерин асоснок мегардад: «зери мафҳуми иттилооти компютерӣ ин ҳама гуна маълумоте мебошад, ки дар шакли рақамӣ ё дигар

шаклҳои электронӣ пешниҳод шуда, барои нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ё истифодаи автоматикӣ бо истифода аз системаҳои ҳисоббарор, воситаҳои барномасозӣ ва технологияҳои шабакавӣ пешбинӣ шудааст» **[4-М]**.

3. Дар қ. 1 м. 300 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ» бояд ба ибораи «вайрон кардани системаи компютерӣ ё шабака» иваз карда шавад.

4. Бо мақсади дуруст татбиқ намудани меъёрҳои боби 28 КҶ ҶТ пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 298 КҶ ҶТ-ро бо эзоҳ дар таҳрири зерин пурра карда шавад. «Дар боби мазкур зарари ҷиддӣ андозаи зарари расонидашудае мебошад, ки аз рӯйи вазъи моддии ҷабрдида муайян гардида, аз 200 андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар буда наметавонад».

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ҳам диспозитсия ва ҳам номи моддаи 303 КҶ ҶТ бо калимаи «Ғайриқонунӣ» оғоз карда шуда, дар баробари ин, ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор ҳолатҳои қонунии таҳияи барномаҳои компютерӣ ё даровардани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда, ки дорои хусусияти зараровар мебошанд, пурра карда шаванд.

6. Дар моддаҳои 298-304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти дараҷаи хавфнокии кирдорҳои марбут ба истифодаи мақоми хизматӣ, равона шудани кирдор алайҳи мақомоти давлатӣ ва эҷоди мушкилот дар фаъолияти муътадили онҳо, корхонаҳо ва муассисаҳои дорои аҳаммияти стратегӣ, инчунин, содир намудани ҷиноят бо мақсадҳои ғаразнок, пешниҳод мегардад, ки ҳолатҳои зикршуда ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда дар таркиби ин ҷиноятҳо муқаррар карда шаванд **[4-М]**.

# ФЕҲРИСТИ
# ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Давлатов, Д.М. Тарихи инкишофи қонунгузори оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. – №3/5 (118). – С. 161-166; ISSN 2074-1847.

**[2-М].** Давлатов, Д.М. Мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №4/2 (39). – С. 371-375; ISSN 2308-054X

**[3-М].** Шарипов, Т.Ш., Давлатов, Д.М. Объекти ҷиноятҳо ба муқобили амниятӣ иттилоотӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Д.М. Давлатов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №4 (48). – С. 140-145; ISSN 2305-0335.

**[4-М].** Шарипов, Т.Ш., Давлатов, Д.М. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Д.М. Давлатов // Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – Ҷилди 2. – 2023. – №4 (36). – С. 105-112; ISSN 2709-6246.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[5-М].** Давлатов, Д.М. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ва криминологии ҷиноятҳои компютерӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-назариявии олимон, муҳақиқони ҷавон ва коршиносони соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон бахшида ба «Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи «Ҷавонон ва илми муосир». –

Душанбе: Нашриёти ҶДММ «Тараққиёт», 2013. – 456 с. – С. 79-85.

**[6-М].** Кудратов, Н.А., Давлатов, Д.М. Уголовная ответственность за преступления против информационный безопасности (компьютерной информации) по уголовному законодательству стран СНГ: сравнительно правовое анализ [Текст] / Н.А. Кудратов, Д.М. Давлатов // Сборник научных трудов: Правовое государство и гражданское общество в современном мире. – Караганды: Карагандинский государственный Университет им. Е.А. Букетова, 2014. – С. 12-18; ISBN 978-9965-39-500-0.

**[7-М].** Давлатов, Д.М., Камолов, З.А. Таснифоти ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Д.М. Давлатов, З.А. Камолов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо» (ш. Душанбе, 26 майи соли 2023). – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – 294 с. – С. 77-82.

**[8-М].** Давлатов, Д.М. Хусусиятҳои предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли «Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ». – Душанбе: «ДБССТ», 2024. – 421 с. – С. 396-401.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**На правах рукописи**

**УДК:** 343+327
**ББК:** 67.99(2)93+66.4
**Д** – 14

**ДАВЛАТЗОДА ДИЛШОД МАХМАДЗАРИФ**

# УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПРОТИВ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право

**Душанбе – 2025**

**Диссертация выполнена на кафедре уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета.**

**Научный руководитель:** **Шарипов Такдиршох Шарифович** – доктор юридических наук, профессор, профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета.

**Официальные оппоненты:** **Абдухамитов Валиджон Абдухалимович** – доктор юридических наук, профессор кафедры уголовного права Российско-Таджикского (Славянского) университета;

**Сафарзода Хаёт Саидамир** – кандидат юридических наук, доцент, профессор кафедры предупреждения террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факультета №6 Академии МВД Республики Таджикистан.

**Ведущее учреждение:** Образовательное учреждение высшего профессионального образования «Таджикский государственный финансово-экономический университет» (г. Душанбе).

Защита диссертации состоится «05» июля 2025 г., в $10^{\underline{00}}$ часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-019 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, корпус 11, 1 этаж, зал диссертационного совета юридического факультета).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Автореферат разослан: «___» _____ 2025 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета, кандидат юридических наук** **Мирзоев К.Х.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Научно-техническое развитие стало причиной быстрого распространения ИТ-технологий в различных областях общественной жизни.

В свете этих тенденций Правительство Республики Таджикистан приняло решение о постепенной интеграции цифровых решений в ключевые сферы общественных отношений. В этом контексте Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своём Послании к Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28 декабря 2024 года «О направлениях внутренней и внешней политики республики» предложил объявить 2025–2030 годы «Годами развития цифровой экономики и инноваций», и «уделять первостепенное внимание следующим направлениям: оперативное совершенствование правовых основ и принятие необходимых документов в направлении перехода на цифровую экономику; развитие человеческого капитала путём изучения и квалификации кадров по информационным технологиям внутри и за пределами страны, повышение уровня культуры использования цифровых технологий; принятие мер в направлении обеспечения кибербезопасности информационных платформ» [6].

Однако повсеместная интеграция информационных технологий во все сферы жизни общества породила множество проблем. Среди них особое место занимают злоумышленные действия, использующие эти технологии для нанесения ущерба интересам государства, общества и отдельных граждан.

Становление новых правоотношений в информационной сфере привело к возникновению ранее неизвестных форм преступной деятельности. Данные уголовные правонарушения предусмотрены в главе 28 «Преступления против информационной безопасности» Уголовного кодекса Республики Таджикистан (далее – УК

РТ). При этом Закон Республики Таджикистан «О защите информации» от 2 декабря 2002 г., №71 определяет следующие цели защиты информации: «предотвращение утечки, хищения, утраты, искажения, подделки информации; предотвращение несанкционированных действий по уничтожению, модификации, искажению, копированию, блокированию информации; предупреждение санкционированных и несанкционированных действий, которые могут повлечь за собой преднамеренное или непреднамеренное уничтожение, блокирование, искажение (подделку), хищение, копирование, утечку, модифицирование и преобразование информации» (ст. 1) [3].

Несмотря на принятие множества нормативно-правовых актов в сфере информационной безопасности, расширение круга отношений в данной области, повышение уровня владения техническими средствами и их незаконное применение способствуют росту числа выявляемых правонарушений, связанных с использованием таких технологий.

В Государственной стратегии «Информационно-коммуникационные технологии развития Таджикистана» от 5 ноября 2003 года, №1174 отмечена необходимость совершенствования законодательной базы в целях широкого использования ИТК «во всех сферах общественной жизни, экономики, взаимоотношений между государственными органами, между гражданами и организациями, обеспечения единого информационного пространства на территории Республики Таджикистан, устранения цифрового неравенства и административных препятствий в распространении информации, необходимость развития системы правового и организационные меры по снижению уровня правовых ограничений в сфере информационной безопасности и защиты информации при сохранении необходимого уровня эксплуатационной надёжности в этой сфере, эффективность средств защиты информации» [7].

Широкое использование информации, компьютерных технологий, телекоммуникаций и других технологий

значительной частью населения позволяет охарактеризовать современное общество как информационное общество, в котором социальные процессы связаны с достижениями науки, техники и техники.

С развитием цифровых технологий усиливается потребность в эффективных механизмах правовой защиты информационной безопасности, включая уголовно-правовое регулирование. В ответ на эти вызовы в Уголовном кодексе Республики Таджикистан впервые были закреплены нормы, предусматривающие ответственность за преступления, связанные с использованием компьютерных технологий.

Однако практика их применения выявляет определённые недостатки: существующие правовые положения не охватывают весь спектр современных киберугроз, что может затруднять привлечение нарушителей к ответственности. Кроме того, поскольку уголовное преследование в сфере киберпреступлений регламентируется относительно недавно, в правоприменении возникают сложности, связанные с определением состава преступления, его разграничением с иными нарушениями, а также корректной квалификацией деяний.

Анализ деятельности правоохранительных органов свидетельствует о том, что в последние годы наблюдаются значительные колебания уровня преступности в сфере информационной безопасности. Так, по данным официальной статистики, количество преступлений, предусмотренных ст. 298 – 304 УК Республики Таджикистан, составляло: в 2019 году – 38 случаев, в 2021 году – 23, в 2022 году – 25, в 2023 году – 12, а в 2024 году – 33 случая. Данные показатели отражают нестабильный, но сохраняющий актуальность характер угроз информационной безопасности.

Для повышения эффективности борьбы с преступлениями в сфере информационной безопасности требуется дальнейшее совершенствование уголовного законодательства. Это включает уточнение правовых норм, устранение пробелов, а также развитие методических

рекомендаций для правоохранительных органов. Такой подход позволит создать более действенные механизмы защиты цифрового пространства и минимизировать потенциальные риски в условиях стремительно меняющейся технологической среды.

За последние время отечественное законодательство значительно продвинулось в регулировании ответственности за преступления, связанные с компьютерной информацией. Однако в уголовно-правовой науке до сих пор остаются нерешённые вопросы, требующие детального анализа и обсуждения. Одним из ключевых аспектов является определение степени общественной опасности таких преступлений, их объективных и субъективных характеристик, а также возможных правовых пробелов, влияющих на их криминализацию и декриминализацию.

На сегодняшний день существует острая необходимость в совершенствовании правовых терминов, используемых в нормативных актах, поскольку отсутствие унифицированной терминологии затрудняет правоприменение. Кроме того, из-за нехватки фундаментальных исследований в данной сфере и однозначных рекомендации по применению норм, обеспечивающих информационную безопасность, возникают определённые трудности для правоприменителей.

Особого внимания заслуживает изучение международного опыта в противодействии компьютерным преступлениям. Многие зарубежные страны уже разработали эффективные механизмы борьбы с подобными правонарушениями, и их практика может стать основой для совершенствования отечественного законодательства. Однако до сих пор не проведён детальный анализ тех подходов, которые могли бы быть адаптированы к правовой системе Республики Таджикистан.

Наконец, остаётся открытым вопрос о необходимости введения новых норм уголовного законодательства или, напротив, исключения устаревших положений, не соответствующих современной цифровой реальности. Без комплексных исследований невозможно ответить, все ли

существующие составы преступлений в данной сфере оправданы с точки зрения общественной опасности и целесообразности уголовной ответственности.

Исходя из этого, тщательное научное исследование уголовной ответственности за правонарушения в сфере компьютерной информации обусловлено необходимостью комплексной оценки общественно опасного поведения, способного нарушить сложившиеся в ней отношения. Это обосновывает необходимость совершенствования УК РТ с учётом меняющихся моделей киберпреступности и укрепления национальных механизмов защиты цифрового пространства.

Также в доктрине уголовного права существует большое количество проблем, связанных с анализируемыми уголовными правонарушениями.

Таким образом, важность изучения данной темы связана с необходимостью тщательного рассмотрения уголовно-правовых аспектов в сфере информационной безопасности и созданием основанных на этом анализе предложений к модификациям и дополнениям УК РТ для более эффективного пресечения преступлений такого рода.

**Степень изученности научной темы.** Относительно различных аспектов вопроса об уголовной ответственности за преступления против информационной безопасности опубликовали свои научные труды ряд отечественных учёных, таких как У.А. Азиззода (У.А. Азизов) [12], Ҷ.З. Маҷидзода [11] и др.

Особенно следует отметить докторское исследование К.Д. Давлатзода [21], которое непосредственно посвящено уголовно-правовым и криминологическим вопросам противодействия киберпреступлениям.

